«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
профессор __________ Шарифзода М.М.
«_23_» ___09_____ 2022 с.

Протоколи №2

ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи
факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ

аз « 20 » 09. 2022 с. ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд**: Қаюмов Фурқат Ғайбуллоевич – мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа, н.и.и., дотсент (раиси ҷаласа), котиби ҷаласа н.и.и., дотсент Ҷӯраев Ф.М., аъзоёни кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа: д.и.и., профессор Бойматов А.А., н.и.б., профессор Дониёров М.Р., н.и.и., дотсент Зокирова Ш.М., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳаитбоева Н.А., н.и.и., дотсент Абдулазизов Р.А., н.и.и., муаллими калон Исоқов М.Т., муаллимони калон: Шарипова З.С., Турсунова З.Г., Умарова С.И., ассистентон: Раупова Ш.М., Зиёев М.М., коргузор Ғафурова Ф.В. Пешниход шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳод якдилона қабул карда шуд.

**Даъватшудагон:** н.и.и., дотсент Самадова З.А., н.и.и., дотсент Назаров Х.С., д.и.и., дотсент Мирсаидов С. А., н.и.и., дотсент Туразода Ҷ.А - декани факултети бизнес ва идоракунӣ, н.и.и., дотсент Тошматова М.Д - мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ, н.и.и., дотсент Шамсиев Ф.К - мудири кафедраи менеҷмент, н.и.к., дотсент Хӯҷаназарова М.И. - мудири кафедраи маркетинг - агробизнес, н.и.б., дотсент Ашӯров С.Х., н.и.к., дотсент Азимов А.Ҷ., н.и.и., дотсент Сатторова Ф.М., н.и.и., дотсент Бобоҷонова З.Ғ., муаллимони калон: Қурбонова Ш.С., Қодирова Н.А., Пӯлотова М.Х., Нурбоев Н.М., Солиев Ҳ.А. ассистент Юнусова Ф.М.

Рӯзномаи ҷаласа:

Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯ Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

**Роҳбари илмӣ:**Мирсаидов Саидакмал Авророрович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Раиси ҷаласа:**

- Ҳозирини муҳтарам, имрӯз қарор аст, дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзуи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт ҳамчун кори ҷамъбастшуда ба муҳокима пешниҳод шудааст. Роҳбари илмии рисолаи номзадии мазкур д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., тақриздиҳандагони расмӣ д.и.и., профессор Бойматов А.А., н.и.и., дотсент Ҷӯраев Ф.М ва н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ мебошанд. Аз рӯи регламент барои баёни нуктаҳои асосии рисола ба унвонҷӯ 15 - дақиқа, ба тақриздиҳандагон то 10 - дақиқа, барои музокира 5 - дақиқа муайян карда шуд. Сипас сухан ба унвонҷӯ Азимова Муқадасхон Мухамедовна дода шуд.

**Шунида шуд.** Маърӯзаи унвонҷӯ Азимова М.М шунида шуд (маърӯза замима карда мешавад). Баъди баромади унвонҷӯ раиси ҷаласа, дотсент Қаюмов Ф.Ғ аз ҳозирин хоҳиш намуд, ки оид ба нуктаҳои рисола саволҳои худро диҳанд.

Саволҳои д.и.и., профессор Бойматов А.А:

1. Рушди устувори низоми иҷтимоию иқтисодӣ чиро ифода менамояд?

2. Неъматҳои муҳим ва номуҳимро шарҳ диҳед?

Саволҳои н.и.и., дотсент Назаров Х.С:

1. Шумо дар таҳқиқоти худ кадом методологияро истифода бурдед?

2. Хусусияти минтақавии бахши давлатӣ дар чист?

Саволҳои н.и.и., дотсент Ҷӯраев Ф.М:

1. Мубрамияти рисолаи Шумо дар чӣ ифода меёбад?

2. Неъматҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат маблағгузорӣ карда мешаванд? Мутаносиби маблағгузориҳои давлатӣ ба хусусӣ дар рисола нишон дода шудаанд?

3. Кадом асарҳои олимони ватанӣ дар таҳқиқоти Шумо нишон дода шудаанд?

Саволҳои н.и.и., дотсент Самадова З.А:

1. Шарикии давлатро дар бахши хусусӣ нишон диҳед.

2. Вазифаҳои асосии бахши давлатии иқтисодиётро шарҳ диҳед.

3. Бурсиҳои давлатӣ дар кадом самт бештар ба назар мерасанд?

Саволҳои н.и.и., дотсент Ҳаитбоева Н.А:

1. Дар таҳқиқоти Шумо кадом неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ муаммоҳои ҳалталаб доранд? Барои ҳалли он чӣ бояд кард?

Саволҳои н.и.и., дотсент Қаюмов Ф. Ғ:

1.Рисолаи илмии Шумо аз дигар рисолаҳои илмӣ чӣ фарқ дорад?

2.Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ чӣ пешниҳод доред?

Саволҳои н.и.к., дотсент Хуҷаназарова М.И:

1. Хусусиятҳои неъматҳои муҳимми иҷтимоиро тасниф намоед?

2. Моҳияти неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти иқтисодиёти бахши давлатӣ дар чист?

Унвонҷӯ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои саҳеҳ дод.

**Раиси ҷаласа**, дотсент Қаюмов Ф.Ғ., риштаи суханро ба роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А. барои ироаи мулоҳиза дод (мулоҳизаи роҳбари илмӣ замима карда мешавад).

Баъд аз шунидани мулоҳизаи роҳбари илмӣ раиси ҷаласа, дотсент Қаюмов Ф.Ғ., суханро ба тақриздиҳандагон дод.

Тақриздиҳандаи якум д.и.и., профессор Бойматов А.А., баромад намуд (тақриз замима карда мешавад).

Тақриздиҳандаи дуюм н.и.и., дотсент Ҷӯраев Ф.М., баромад намуд (тақриз замима карда мешавад).

Тақриздиҳандаи сеюм н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ., баромад намуд (тақриз замима карда мешавад).

Унвонҷӯ баъди баромади тақриздиҳандагони расмӣ нуқтаи назари худро оид ба баъзе масъалаҳо иброз намуд ва дар маҷмӯъ эродҳоро қабул карда, ҳозиринро оид ба бартараф кардани онҳо бовар кунонид.

**Дар музокира баромад намуданд:** дотсент Ашӯров С.Х., дотсент Зокирова Ш.М., дотсент Ҷӯраев Ф.М., дотсент Шамсиев Ф.К., дотсент

Ҳаитбоева Н.А., музокирачиён нуқтаи назари худро оид ба мубрамияти мавзуъ ва ҷабҳаҳои мусбати он иброз доштанд, ҳамзамон барои ислоҳи баъзе хатогиҳои мавҷуда фикру андешаҳояшонро баён намуданд. Унвонҷӯ оид ба камбудиҳои ишорагардида нуқтаи назари худро иброз дошт. Дар маҷмӯъ ҳамаи музокирачиён рисолаи илмиро кори ҷамъбастшуда ҳисобида тавсия намуданд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур баъд аз ислоҳи эродҳо ба ҳимояи давраи дуввум пешниҳод карда шавад.

Дар асоси муҳокимаи натиҷаи таҳқиқоти рисолаи илмии унвонҷӯ Азимова М.М. кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи факултети бизнес ва идоракунии ДДҲБСТ чунин

**қарор қабул кард:**

1. Рисолаи илмии Азимова М.М., дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт таҳқиқоти ба итмом расида ҳисобида шуда, пас аз ислоҳи эроду дархостҳо барои тавсиби минбаъда пешниҳод карда шавад.
2. Хулосаи зерин қабул карда шавад.

**Хулосаҳои зерин бароварда шуд:**

1. Таҳқиқоти рисолаи мазкур дар сатҳи баланди илмӣ назариявӣ гузаронида шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Бо дар назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи рисолаи номзадии пешниҳодшуда, дурустии муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада бо назардошти фикру мулоҳизаи роҳбари илмӣ, д.и.и.,профессор Мирсаидов С.А. (мулоҳиза замима карда мешавад), тақризҳои мусбати д.и.и., профессор Бойматов А.А., дотсент Ҷӯраев Ф.М. ва н.и.и., дотсент Қаюмов Ф.Ғ (тақризҳо замима карда мешаванд), суханрониҳои номзадҳои илмҳои иқтисодӣ Зокирова Ш.М., Ҷӯраев Ф.М., Самадова З.А ва Ҳаитбоева Н.А дар ҷаласаи васеи кафедра таҳқиқоти илмии Азимова М.М-ро

дар мавзӯи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт тавсия медиҳанд, ки барои ҳимояи давраи дуввум пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, протоколи №2 аз 20.09 соли 2022 қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент _______________ Қаюмов Ф.Ғ.

**Котиби ҷаласа,**
дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон _______________ Ҷӯраев Ф.М.

Имзоҳои Қаюмов Ф.Ғ ва Ҷӯраев Ф.М – ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон _______________ Мирпоччоев И.Ҳ.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ. Тел: + 992 (3422) 2-38–11
www.tsulbp.tj